آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**29 ноябри соли 2025 Шанбе № 96 (15211)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҲАР ЯК ҚАРОР, ҲАР ЯК ХИДМАТ ВА ҲАР ЯК РАВАНД БОЯД БА МАНФИАТИ ИНСОН ХИДМАТ КУНАД

**Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ифтитоҳи форуми байналмилалӣ, ки ба масъалаҳои бартарафсозии бюрократия бахшида шудааст ва дар Маркази байналмилалии конгрессии пойтахт баргузор мегардад, иштирок намуд.**






Дар форум намояндагони баландпояи ҳукуматҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб, кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, коршиносони пешбари соҳаи идоракунии давлатӣ, инчунин намояндагони ҷомеа иштирок доранд.

Сарвари давлат дар суханронии худ ба вазири корҳои Ҳукумати АМА Муҳаммад ал-Гаргавӣ барои кумак дар баргузории ин чорабинӣ самимона изҳори сипос намуд. Президент мардуми бародар ва роҳбарияти Аморати Муттаҳидаи Арабро бо фарорасии иди миллӣ — Рўзи таъсиси давлат, самимона табрик гуфт.

– Мо Ўзбекистони Навро бо такя ба ғояи инсонпарвари «Мардум ба идораҳои давлатӣ не, балки идораҳои давлатӣ бояд ба мардум хизмат намоянд», бунёд мекунем, – таъкид кард Президент.

Тавре зикр гардид, дар кишвари мо ба бартараф кардани бюрократия, равандҳои зиёдатӣ ва монеаҳои маъмурӣ барои аҳолӣ ва соҳибкорӣ афзалият дода мешавад. Ислоҳоти системавӣ оид ба дигаргунсозии куллӣ ва рақамисозии низоми миллӣ оид ба хизматрасониҳои давлатӣ, оптимизатсияи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва барқарор намудани мулоқоти мустақиму ошкоро байни сохторҳои давлатӣ ва шаҳрвандон амалӣ карда шуданд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## АҲАМИЯТИ РУШДИ МИНБАЪДАИ ҲАМКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ТАЪКИД ГАРДИД

***28 ноябр Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати намояндагонро таҳти роҳбарии вазири корҳои ҳукуматии Аморати Муттаҳидаи Араб Муҳаммад бин Абдуллоҳ ал-Гаргавӣ пазируфт.***

Дар оғози мулоқот вазир ба сарвари давлати мо паёми самимӣ ва беҳтарин таманноҳои Президенти АМА Шайх Муҳаммад Ол Наҳаён ва ноиби Президент, Сарвазири мамлакат, Амири Дубай Шайх Муҳаммад Ол Мактумро расонд.

Масъалаҳои таҳкими дўстӣ ва шарикии стратегӣ миёни Ўзбекистон ва АМА, инчунин иҷрои тавофуқҳое, ки дар ҷараёни сафари сатҳи олӣ дар моҳи январи соли ҷорӣ ба АМА ба даст омада буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар солҳои охир бо ҳукумати АМА дар беш аз 40 самт татбиқи зиёда аз 300 ташаббус, аз ҷумла, барномаҳои муҳими «Акселератори ҳукумат», «Як миллион барномасоз» ва «Пешоҳангони ҷавон» бо қаноатмандии бузург зикр гардид.

Зарурати татбиқи густурдаи барномаи нави панҷсолаи ҳамкории мутақобилан судманд дар самти боло бурдани самаранокии идоракунии давлатӣ, ки қабул хоҳад шуд, таъкид гардид.

Ба нақшаҳои ҳамкорӣ бобати коҳиши бюрократия, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешрафтаи АМА дар бозомўзии 5 миллион муҳандиси промпт дар соҳаи зеҳни сунъӣ, инчунин роҳандозии лоиҳаҳои «Насли нав» ва «Челленҷи китоб» таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Инчунин, аз рўйи омодагии ҳамаҷониба ба чорабиниҳои минбаъдаи сатҳи олӣ созиш намуданд.

Дар анҷоми мулоқот Президент Шавкат Мирзиёев ва вазир Муҳаммад бин Абдуллоҳ ал-Гаргавӣ бо намоишгоҳ оид ба таърихи муносибатҳои Ўзбекистон – АМА шинос шуданд.

**ЎзА.**

## ЛОИҲАИ «ПАНҶ МИЛЛИОН РОҲБАРОНИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ» ОҒОЗ ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавии ифтитоҳи форуми байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ, ки дар Маркази байналмилалии конгресс баргузор шуд, иштирок намуд.***

Пеш аз оғози чорабинӣ Сарвари давлат бо муаррифии лоиҳа ва стартапҳои соҳаи зеҳни сунъӣ, ки ҷавонони кишварамон офаридаанд, шинос гардид.

Дар суҳбат бо ҷавонони боистеъдод Президент аҳамияти стратегии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, нақши ҳалкунандаи онро дар рушди устувор ва рақобатпазирии давлат махсус таъкид намуд. Қайд карда шуд, ки коркардҳои инноватсионии пешниҳодгардида дар самтҳои гуногун равшан нишон медиҳанд, ки дар Ўзбекистон экосистемаи муосири рақамӣ ва натиҷаҳои амалии ислоҳоти ҷорӣ ташаккул меёбад.

Сарвари давлат инчунин зарурати механизмҳои нави дастгирии стартап ва ташаббусҳои технологӣ, васеъ ҷорӣ кардани коркардҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва ба бозори байналмилалӣ баровардани лои-ҳаҳои муваффақро таъкид кард.

Дар маросими ифтитоҳи форум Президент ҳамаи иштирокдоронро самимона истиқбол намуд.

Вай таъкид кард, ки дар асри XXI технологияҳои иттилоотӣ ва раванди рақамисозӣ ба омили асосии пешрафти ҳар давлат табдил ёфтааст.

Имрўз доираи истифодаи зеҳни сунъӣ дигар маҳдуд набуда, балки ба омили бунёдӣ табдил меёбад, ки ба ҳамаи соҳаҳои иқтисод, низоми идоракунии давлатӣ ва зиндагии ҳаррўзаи одамон амиқан ворид мегардад.

– Агар бигўем, ки донишмандони бузурге, ки дар давраҳои эҳёҳои якум ва дуюм тамаддуни моро маъруф кардаанд — Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абурайҳон Беруни, Мирзо Улуғбек ба рушди алгоритмҳо, математика ва мантиқ саҳми азим гузошта, ба ин васила барои гузоштани асос ба соҳаи зеҳни сунъӣ саҳм гузоштаанд, муболиға намешавад, – таъкид кард Президент.

Сарвари давлат махсус зикр намуд, ки мо ҳамчун ворисони ин мероси бебаҳои илмӣ бояд технологияҳои навро қабул намоем ва онҳоро ба такягоҳи тавонои рушди минбаъдаи кишвар табдил диҳем.

Қадами аввалин дар табдил додани соҳаи зеҳни сунъӣ қабул шудани Стратегияи миллӣ буд, ки бар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ таҳия шудааст.

Дар натиҷа ҳиссаи иқтисодиёти рақамӣ дар ММД кишвар ду баробар афзуд. Ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим ба соҳаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ қариб ба 2 миллиард доллар расид.

Содироти хидматрасониҳои IT солҳои охир 4,5 маротиба афзуда, ба 1 миллиард доллар наздик шуд, ки ин далели равшани самаранокии ислоҳоти амалӣ мебошад.

Илова бар ин, чанде пеш Маркази байналмилалии технологияҳои рақамӣ таъсис ёфт, ки фаъолияти он бар асоси низоми махсуси ҳуқуқӣ, ки аз ҳуқуқи англисӣ гирифта шудааст, ба роҳ монда шуд.

Шумораи донишгоҳҳое, ки мутахассисони IT омода мекунанд, қариб се маротиба афзуда, ба 145, теъдоди донишҷўён бошад, ба 80 ҳазор нафар расидааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Пас аз ташрифи Президент*

## АЗ САМАРҚАНД БА УРГУТ – БО ПОЕЗД

Аз 26 ноябр ҳаракати қатораҳо барои мусофирон дар самти «Самарқанд – Ургут» ва «Ургут – Самарқанд» ба роҳ монда шуд. Аввалин мусофирони ин хатсайри нав фаъолони вилояту ноҳияи Ургут, собиқадорон ва ҷавонон буданд.

Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев дирўз ҳангоми сафараш ба вилояти Самарқанд бо фаъолон якҷо бори аввал тавассути роҳи оҳани навбунёд аз шаҳри Самарқанд то ноҳияи Ургут бо қатора сафар анҷом дод. Ҳамин тариқ, 25 ноябр ҳамчун санаи муҳими таърихӣ дар ҳаёти Ургут ва ургутиҳо сабт гардид. Акнун сокинони Ургут метавонанд бо қатора ба шаҳри Самарқанд рафта баргарданд. Барои меҳмонон низ имкони сафар ба ин гўшаи зебои вилоят тавассути роҳи оҳан фароҳам оварда шудааст.

Дар ҳақиқат, сохтани роҳи оҳан то Ургут орзуи чандинсолаи сокинони ноҳия, махсусан соҳибкорон буд. Ин масъала дар сатҳҳои гуногун матраҳ мешуд, аммо вақте масъалаи маблағгузорӣ пеш меомад, амалишавии лоиҳа ба таъхир меафтод.

– Имсол орзуи деринаи ургутиҳо амалӣ шуд, – мегўяд собиқадори меҳнат Қуддус Аскаров. – Ба шарофати таваҷҷуҳи хоссаи Президенти кишварамон ба рушди минбаъдаи ноҳия ва фароҳам овардани шароити фарогиру қулай барои аҳолӣ, моҳи феврали ҳамин сол сохтмони хатти нави роҳи оҳани Самарқанд – Ургут оғоз гардид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Муносибат*

## ОСИЁИ МАРКАЗӢ – МИНТАҚАИ ҚАВӢ, УСТУВОР ВА ШУКУФОН

***Мақолаи Президент Шавкат Мирзиёев таҳти унвони «Осиёи Марказӣ – дар остонаи даври нав»-ро метавон ҳамчун як манифести сиёсӣ арзёбӣ кард, ки пояҳои фикрию зеҳнии навсозии сиёсиро дар Осиёи Марказӣ инъикос намуда, решаҳои эътимоди нав, эҳтироми мутақобила ва қаробати стратегиро миёни давлатҳои минтақа амиқ кушода медиҳад.***

Дар он омилҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии ба ҳамкорӣ таҳрикдиҳанда амиқан таҳлил шудаанд ва муҳтавои сиёсиву фалсафии стратегияе, ки баояндаи минтақа нигаронда шудааст, равшан баён мегардад.

Ҳангоми мутолиаи мақола ман амиқан дарк кардам, ки интихоби имрўзаи Осиёи Марказӣ тасодуфӣ набуда, баръакс, ин раванд бо зарурати таърихӣ, манфиатҳои муштараки халқҳои минтақа ва иродаи қавии сиёсии раҳбарон таҳким ёфта, ҷараёни бозгаштнопазирро мемонад.

Ин мақола маҳз бо он аҳамият дорад, ки ба як парадигмаи нави сиёсӣ такя карда, дурнамои дарозмуддати минтақаро муайян менамояд ва принсипҳоеро, ки давраи нави эътимод, шарикӣ ва ҳамкории амалгароёнаи кишварҳоро ташаккул медиҳанд, дақиқ муайян мекунад.

Тағйироте, ки солҳои охир дар Осиёи Марказӣ рух медиҳанд, иродаи таърихии халқҳои минтақаро ба ҳамбастагӣ ва ниёз ба ҳамгироӣ ба таври сиёсӣ инъикос менамоянд. Баъд аз муддати тўлонӣ бори аввал давлатҳо бидуни миёнравони хориҷӣ ба муколамаи боз, самимӣ ва боэътимод гузаштанд. Маҳз қувваи ҳамин эътимод буд, ки душвортарин масъалаҳо — пеш аз ҳама масъалаҳои марзӣ ҳал гардиданд.

Таърих собит месозад, ки ихтилофҳо дар масъалаҳои марз ва захираҳо дар бисёр минтақаҳо ба низоъҳои шадид ва фоҷиаҳо овардаанд. Осиёи Марказӣ бошад, роҳи ҳамсоягии некро бо такя ба муколамаи созанда, эҳтироми мутақобила ва тавозуни манфиатҳо интихоб кард.

Дар ин раванд пеш аз ҳама иродаи сиёсӣ ва мавқеи далеронаи Президенти мо Шавкат Мирзиёев возеҳ намоён гардид. Ў аз рўзҳои аввали фаъолияташ ҳамсоягии некро ба вазифаи аввалиндараҷа табдил дода, ба мушкилоти ҷамъшудаи тунд бо қатъият роҳҳои ҳал пайдо кард. Дар натиҷа, минтақа ба давраи нави ҳамкорӣ қадам гузошт.

Созишномаи таърихӣ дар нуқтаи пайвастани марзҳои се давлат, Декларатсияи Хуҷанд, лоиҳаҳои бузурги муштарак дар соҳаи обу энергетика — ҳамаи ин воқеан дар таърихи Осиёи Марказӣ таҳаввули ҷиддӣ ба вуҷуд овард.

Ин раванд нишон дод, ки минтақа қодир аст мушкилоти худро мустақилона ҳал кунад ваояндаи худро муайян созад. Асоси ин раванд хирадмандии роҳбарон ва рўҳи эътимод ва дўстии халқҳост.

Яке аз хулосаҳои муҳимтарини мақола ин аст, ки ҳамкории минтақавӣ, дўстӣ ва ҳамсоягии нек имрўз ба як раванд ва натиҷаи амалӣ табдил ёфтааст.

**(Давомаш дар саҳ.3).**

# ЛОИҲАИ «ПАНҶ МИЛЛИОН РОҲБАРОНИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ» ОҒОЗ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Барномаи «Як миллион барномасоз», ки соли 2019 бо ҳамкории Аморати Муттаҳидаи Араб оғоз шуда буд, ба таври назаррас васеъ шуд: зиёда аз ду миллион ҷавонон дар он таҳсил карданд. Тавассути фонди «Эл-юрт умиди» тақрибан 100 нафар ҷавони боистеъдоди кишвари мо дар донишгоҳҳои пешқадами ҷаҳон таҳсил доранд.

– Мо бовар дорем, ки фардо, онҳо ба ватан баргашта, бобати ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрафтатарини зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои маориф, иқтисод ва идоракунии давлатӣ нерӯи пешбаранда хоҳанд шуд, – таъкид кард Президент.

Ҳамчунин барномаҳо оид ба интегратсияи зеҳни сунъӣ ба низоми маориф, такмили ихтисоси омӯзгорон ва баланд бардоштани саводи рақамӣ дар мактаб ва донишгоҳҳо амалӣ карда мешаванд.

Технологияҳои зеҳни сунъӣ аллакай имрӯз самаранокии соҳаҳо, пеш аз ҳама сифати хидматрасонии тиббиро ба таври назаррас зиёд мекунанд.

Масалан, ба туфайли ҷорӣ намудани системаҳои рақамии ташхис беш аз 50 ҳазор бемор бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ натиҷаи дақиқ гирифтанд, ки сарбории табибонро хеле кам карда, вақти хизматрасониро 5-7 маротиба кӯтоҳ намуд.

Дар давоми «Марафони саломатӣ» дар Қароқалпоқистон тақрибан 4 ҳазор занони синни 45–65-сола аз муоинаи маммография гузаштанд. 70 фоизи тасвирҳои ибтидоӣ бо платформаи миллии зеҳни сунъӣ таҳлил шуда, 98 фоизи натиҷаҳо аз ҷониби табибон тасдиқ гардиданд. Мӯҳлати муайян кардани ташхис аз чанд рӯз то ду соат кам карда шуд.

Экосистемаи инноватсионии стартапҳои IT низ бо суръат рушд мекунад: шумораи онҳо дар солҳои охир 10 маротиба афзуда, ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба 300 миллион доллар расидааст.

Президенти кишварамон созмонҳои байналмилалӣ ва ширкатҳои пешсафи ҷаҳонро, ки дар форум иштирок доранд, ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди зеҳни сунъӣ дар Ӯзбекистон даъват намуд.

Ба гуфтаи коршиносон, зеҳни сунъӣ дар панҷ соли оянда метавонад дар иқтисодиёти Ӯзбекистон на камтар аз 10 миллиард доллар арзиши иловагӣ эҷод кунад.

Шартҳои мавҷуда ва потенсиали кишвар имкон медиҳанд, ки чунин нишондиҳандаҳои баланд ба даст оянд.

Таъкид гардид, ки то соли 2030 содироти хидматрасониҳои IT-ро ба 5 миллиард доллар расонида, барои мутахассисони ҷавон ҳазорон ҷойҳои кории даромаднок офарида хоҳад шуд.

Барои васеъ ҷорӣ намудани экосистемаи зеҳни сунъӣ соли оянда бо ҳамкории ширкати амрикоии «Nvidia» дар кишвар кластери калони суперкомпутерӣ оғоз мешавад.

– Мақсади асосии мо на танҳо ба истеъмолгари технологияҳои муосир, балки ба кишваре табдил додани Ӯзбекистон аст, ки онҳоро меофарад, содир мекунад ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобат менамояд. Барои пешбурди коркардҳои миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мо Офиси миллии интиқоли технологияҳоро дар водии Кремнийи ИМА ифтитоҳ хоҳем кард, ки робитаҳои мустақими ҷавонон ва муассисони стартапҳои моро бо ширкатҳои пешқадами ҷаҳон, сармоягузорон ва акселераторҳо таъмин мекунад, – таъкид кард Президент.

Аз ин пас ҷавонони кишвар на танҳо дар мактабҳо, балки дар доираи низоми «Марказҳои оянда» дар тамоми минтақаҳо малакаҳои кор бо зеҳни сунъиро хоҳанд омӯхт.

Ҳар сол озмуни миллӣ барои беҳтарин ғояҳои стартапӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ миёни мактабҳо баргузор мешавад.

Дар мактабҳои ғолиб дар ҳар 14 вилоят лабораторияҳои муосири зеҳни сунъӣ таъсис ёфта, ҳамкорӣ бо ширкатҳои пешсаф барои тиҷоратӣ намудани коркардҳо роҳандозӣ мешавад.

Барои ошкор ва дастгирии минбаъдаи ҷавонони боистеъдод «Озмуни Президент оид ба зеҳни сунъӣ» роҳандозӣ мешавад.

Ҳар сол дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз дурдасттарин ноҳияҳо оғоз намуда, 100 нафар ҷавонони беҳтарин интихоб мегарданд. Онҳо дар ширкатҳои пешқадами технологӣ дар ИМА, АМА ва Аврупо коромӯзӣ мекунанд. Дар марҳилаи дуюм ин гуна низом барои донишгоҳҳо татбиқ мешавад.

Барои иҷрои ҳамаи ин вазифаҳо 100 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

– Имрӯз бо ҳамкории Аморати Муттаҳидаи Араб лоиҳаи «Панҷ миллион пешоҳангони зеҳни сунъӣ» – идомаи мантиқии барномаи «Як миллион барномасоз» оғоз мешавад. Ин на танҳо барнома, балки сарҳадҳои нави имконият барои ҷавонони мо мебошад, – гуфт Президент.

Дар доираи лоиҳа то соли 2030 омӯзиши 4 миллиону 750 ҳазор хонанда ва донишҷӯ, 150 ҳазор омӯзгор ва 100 ҳазор хидматчии давлатӣ пешбинӣ шудааст. Зеҳни сунъӣ ба таълими мактабӣ, касбӣ ва таҳсилоти олӣ гаравида мешавад.

– Бовар дорам, ки барномаи «Панҷ миллион пешоҳангони зеҳни сунъӣ» драйвери иқтисодиёт мешавад ва барои рушди босуръати кишварамон такони қавӣ мебахшад, – таъкид кард Президент.

Ҷавонони боистеъдод ва фаъол, ки торафт меафзоянд, ифтихор ва такъягоҳи Ӯзбекистони Нав мебошанд. Чанд рӯз пеш инро Ҷавоҳир Синдоров бо пирӯзӣ дар Ҷоми ҷаҳон оид ба шоҳмот дар Ҳиндустон дубора собит намуд.

Бар асоси Фармони Президент ба Ҷавоҳир Синдоров унвони фахрии «Варзишгари шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дода шуд.

Дар доираи форум Сарвари давлат ин унвони ифтихориро ба гроссмейстери ҷавон супорид.

Президент пешниҳод намуд, ки ҳар сол моҳи ноябр «Моҳонаи зеҳни сунъӣ барои ҷавонон» эълон гардад ва дар доираи он «Форуми зеҳни сунъии Роҳи Абрешим» гузаронида шавад.

Дар анҷоми маросим лоиҳаи «Панҷ миллион пешоҳангони зеҳни сунъӣ» дар Ӯзбекистон расман оғоз ёфт.

**ЎзА.**

# ҲАР ЯК ҚАРОР, ҲАР ЯК ХИДМАТ ВА ҲАР ЯК РАВАНД БОЯД БА МАНФИАТИ ИНСОН ХИДМАТ КУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ 9 фармон ва қарорҳое қабул гардиданд, ки ба кам кардани бюрократия равона шудаанд. Марказҳои хидматрасониҳои давлатӣ, Портали ягонаи хидматрасониҳои давлатӣ ва низоми «Ҳукумати рақамӣ» хидматҳоро дастрас, тез ва шаффоф гардониданд.

Агар соли 2017 ҳамагӣ 444 намуди хидматрасонии давлатӣ пешниҳод шуда бошад, имрӯз шумораи онҳо ба 1 040 расидааст. Теъдоди хидматрасониҳои пешниҳодшуда қариб даҳ маротиба афзуда, аз 55 миллион гузаштааст. Зиёда аз 90 намуди хидматрасониҳо ба шакли проактивӣ ва композитӣ пешниҳод мешаванд.

Масалан, пешниҳоди композитии хидматрасониҳои вобаста ба таваллуди кӯдак ҳамасола барои тақрибан як миллион шаҳрванд равандро осон мегардонад. Ҳамчунин, кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва нафақаҳои синнусолӣ худкор таъин карда мешаванд.

Бо шарофати рақамисозӣ имкон пайдо шуд, ки 30 намуди хидматрасонӣ дар вақти воқеӣ пешниҳод карда шаванд. Танҳо дар соли ҷорӣ қариб 8 миллион хидматрасонӣ ба таври автоматикӣ иҷро шудааст. Гузариш ба мубодилаи электронии ҳуҷҷат ба аҳолӣ имкон медиҳад, ки ҳамасола 23 миллиард сӯм сарфа кунад.

Илова бар ин, бо мақсади баланд бардоштани қулайии соҳибкорӣ зиёда аз 160 намуди литсензия ва иҷозатномаҳо бекор карда шуданд. Беш аз 150 ҳуҷҷати иҷозатдиҳанда дар формати электронӣ дода мешаванд. Талаботи пешниҳод кардани зиёда аз 140 намуди маълумотнома ва ҳуҷҷат пурра бекор карда шуданд.

Хидматрасониҳои давлатӣ бар асоси принсипи экстерриториалӣ пешниҳод карда мешаванд. Равиши «Оғози бизнес дар 15 дақиқа» ба амал татбиқ мегардад.

Президент гуфт, оид ба коҳиш додани бюрократия барномаи алоҳида тасдиқ гардид. Ҳуҷҷат бартараф кардани бюрократияро дар муносибатҳои «давлат – аҳолӣ», «давлат – бизнес» ва дар дохили дастгоҳи давлатӣ, инчунин фароҳам овардани экосистемаи ниҳоят қулайи хидматрасониҳои давлатиро пешбинӣ мекунад.

– Ҳадафи ниҳоии мо – то соли 2030 ба кишвари бидуни бюрократия табдил додани Ӯзбекистон мебошад, – таъкид кард Президент.

Дар доираи барнома вазифаҳои муҳиме, ки то соли 2030 татбиқ мешаванд, муайян карда шудаанд. Инак, шумораи хидматрасониҳои давлатӣ то 1,5 ҳазор мерасад, ҳиссаи хидматрасониҳои электронӣ то 95 фоиз боло бурда мешавад.

Танҳо соли оянда боз 250 хидматрасонӣ пурра ба формати электронӣ мегузаранд. Аз ҷумла, бақайдгирии воситаҳои нақлиёт, баргардонидани ААИ (НДС) ва дигар хидматрасониҳои серталаб электронӣ карда мешаванд.

Дар Ӯзбекистони Нав низоми «Ҳукумати бекоғазӣ» пурра ҷорӣ мегардад, ки даст кашидан аз муомилоти қоғазии ҳуҷҷатиро дар назар дорад. Аз 40 миллион ҳуҷҷати мавҷуда, 25 миллионаш, аз ин шумора 5 миллион – аллакай соли оянда рақамисозӣ мешавад.

Шумораи хидматрасониҳои проактивӣ ва композитӣ то 400 адад мерасад. Танҳо соли оянда 180 намуди нави хидматрасониҳои композитӣ пайдо мешаванд.

– Дар натиҷа мо ба низоме мегузарем, ки дар он хидматрасонӣ бе муроҷиати шаҳрванд ба ӯ пешниҳод карда мешавад, – таъкид кард Президент.

Илова бар ин, ҳамаи хидматрасониҳои давлатӣ пурра инвентаризатсия карда мешаванд. Талаботҳои такрорӣ, зиёдатӣ ва ба шаҳрвандон сарбории беасос фароҳам оваранда бекор карда мешаванд.

Зиёда аз 300 раванд дар соҳаи литсензия ва иҷозатҳо, пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва сохтмон содда карда мешаванд. Масалан, пайвастшавӣ ба чор намуди шабакаҳои коммуналӣ бар асоси як ариза амалӣ мегардад.

Мӯҳлатҳои пешниҳоди хидматрасониҳо ба таври ҷиддӣ кӯтоҳ карда мешаванд. Барои зиёда аз 100 намуди хидматрасониҳо мӯҳлатҳо 50 фоиз коҳиш дода мешаванд. Талаботи пешниҳоди зиёда аз 110 намуди ҳуҷҷат пурра бекор карда мешавад.

Портали ягонаи хидматрасониҳои давлатӣ, низоми «Литсензия», платформаи гумрукии «Равзанаи ягона» ва колл-марказҳо дар асоси зеҳни сунъӣ фаъолият хоҳанд кард.

Ҳар сол фаъолияти вазоратҳо ва идораҳо тавассути платформаи рақамии махсус арзёбӣ карда мешавад. Муассисаҳо ва кормандоне, ки ба нишондиҳандаҳои баланд ноил мешаванд, ҳавасманд гардонда мешаванд.

Бо мақсади мониторинги доимии иҷрои барнома, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо ва идораҳо оид ба кам кардани бюрократия, Дафтари барнома таъсис дода мешавад.

Барои аҳолӣ ва бизнес имконият фароҳам оварда мешавад, ки пешниҳодҳо ва ташаббусҳои нави худро дар доираи барнома мустақимона ирсол намоянд. Ба онҳо инчунин имкони арзёбии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт дода мешавад. Барои ин фонди ҷоиза ба маблағи 3 миллион доллар таъсис дода мешавад.

Аз ҳисоби ин фонд ба шаҳрвандон, намояндагони бизнес ва хидматчиёни давлатӣ, ки дар бораи коҳиш додани бюрократия ҳалли муассир пешниҳод мекунанд, мукофотҳои алоҳидаи пулӣ дода мешаванд. Номинатсияҳои иловагӣ низ ҷорӣ карда мешаванд.

– Бартараф кардани бюрократия яке аз вазифаҳои калидии давлат аст, ки ба хидмат кардан ба мардум нигаронида шудааст. Мо бояд чунин низомеро фароҳам оварем, ки дар он шаҳрванд ба идораи давлатӣ не, балки худи давлат назди ҳар як шаҳрванд рафта, мушкилоти ӯро ҳал кунад. Ин бояд симои замонавӣ ва инсонпарваронаи идоракунии давлатии Ӯзбекистони Нав бошад, – таъкид кард Президент.

Пас аз суханронӣ Сарвари давлат тугмаи рамзиро пахш карда, оғози Барномаи бартарафсозии бюрократияро расман эълон намуд.

Баъди анҷоми маросими ифтитоҳ Президент бо намояндагони ҷомеа оид ба аҳамияти форум ва ташаббусҳои пешниҳодгардида суҳбат кард. Таъкид гардид, ки ғояи «Барои шаъну шарафи инсон» дар асоси ҳамаи ислоҳотҳое, ки дар кишвар амалӣ мешаванд, қарор дорад ва дар меҳвари ҳар як ислоҳот, ҳар як қарор, ҳар як хидмати давлатӣ ва ҳар як раванд манфиати инсон бояд қарор гирад.

**ЎзА.**



# ДИНАМИКАИ РУШДИ ШОҲМОТИ ӮЗБЕК БА ҶАҲОН НИШОН ДОДА ШУД

***Ҷавоҳир Синдоров, ки Ҷоми ҷаҳонро оид ба шоҳмот ба даст оварда, сатҳи баланди иқтидори зеҳнии ҷавонони Ӯзбекистонро нишон дод, тантанавор пешвоз гирифта шуд.***

Дар низоми иҷтимоӣ-сиёсии мамлакатамон татбиқи васеи тамоюли Ӯзбекистони Нав ба ҳаёти мардум эҳсоси талошкорӣ, кордӯстӣ ва орзумандиро бештар намуд.

Ин, дар навбати худ, ба сол то сол зиёд гардидани теъдоди муваффақиятҳо, ки моро ғуруру ифтихор мебахшанд, мусоидат мекунад. Бахусус, дар панҷ соли охир натиҷа ва ғалабаҳое, ки дар соҳаи варзиш ба даст омаданд, дар ҳадде афзуданд, ки ин муждаҳо дар ҳаёти мардум, болоравии нуфуз ва эътибори ватанамон дар арсаи байналмилалӣ ва густариши ҳаракати саломатӣ аҳамияти калон доранд.

Чанд ҳафта пеш, варзишгарони кишвар дар Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ миёни 57 дастаи давлатҳо ва пештар аз он дар Бозиҳои Осиё миёни ҷавонон, ки дар Баҳрайн доир гардид, дар ҳисоби умумӣ дар ҷойи дуюм қарор гирифтанд ва баъди ин пирӯзиҳо чанд рӯз муқаддам дар Ҳиндустон шоҳмотбози кишварамон Ҷавоҳир Синдоров ҷоизадори Ҷоми ҷаҳон шуд ва ин ба ҷаҳониён нишон дод, ки рӯҳияи пирӯзӣ ва иқтидори ҷавонони Ӯзбекистон дар ҷӣ андоза баланд аст.

Дар ҳаёти мо рӯз ва санаҳои муҳим бисёранд. Вале корҳое, ки дар роҳиояндаи Ватан амалӣ мегарданд, лаҳзаҳое, ки ба онҳо санги асос гузошта мешавад, аз ҳама муҳимтар мебошанд.

Ба ин маъно, 26 ноябри соли 2025 на танҳо барои варзиш, балки дар роҳи рушдиояндаи кишвар низ чун яке аз рӯзҳои хотирмонтарин дар ёд хоҳад монд.

Маҳз дар ҳамин рӯз, дар Ӯзбекистон бо ташаббуси роҳбари давлат баргузории бозиҳои Олимпиадаи Президент расман эълон ва роҳандозӣ гардид, Ҷавоҳир Синдоров, ки дар ҷӣ сатҳ баланд будани иқтидори зеҳнии ҷавонон – поягузорониояндаи кишварамонро нишон дод, Вэй Ии чиниро бо натиҷаи 1,5 : 0,5 мағлуб карда, Ҷоми ҷаҳонро ба даст овард.

Ҷавоҳир Синдорови 19-сола, ки дар ҷаҳони шоҳмоти байналмилалӣ саруcадои бузурге ба бор оварда, ҳамчун ҷавонтарин ҷоизадори Ҷоми ҷаҳон дар таърихи ФИДЕ эътироф гардид, дар Фурудгоҳи байналмилалии Тошканд ба номи Ислом Каримов бо иштироки аъзои ҳукумат, мутасаддиёни варзиш, намояндагони ҷамоатӣ ва дӯстдорони шоҳмот ботантана истиқбол гирифта шуд.

Дар ҳақиқат, Ҷавоҳир Синдоров дар рақобатҳои ин мусобиқаи бонуфуз, ки бо иштироки 206 нафар шоҳмотбозони пурзӯртарини ҷаҳон таҳти фишори мураккаб ва бузурги равонӣ баргузор шуд, азму иродаи қавӣ, оромиву матонати баланд нишон дод ва ҳар як донаронӣ ӯро ҷониби пирӯзӣ бурд.

Вақте роҳбарони Федератсияи байналмилалии шоҳмот, намояндагони созмонҳои варзишии Ҳиндустон дар маросими расмии ҷоизасупорӣ ба ғолиби Ҷоми ҷаҳон Ҷавоҳир Синдоров дар шаҳри Гао дар бораи динамикаи рушди шоҳмоти ӯзбек андешаҳои некӯи худро баён мекарданд, намоиш додани табрикоти Президент Шавкат Мирзиёев ба шоҳмотбози ҷавони мамлакат ва иштирокдорони Ҷоми ҷаҳон воқеияти эътирофшаванда гардид.

– Хурсандам, ки Ҷоми ҷаҳонро ба даст овардам ва ба Мусобиқаи даъвогарон барои тоҷи шоҳмот, ки соли оянда дар Кипр гузаронида мешавад, роҳхат гирифтам. Пас аз пирӯзиям, муҳтарам Президент Шавкат Мирзиёев шахсан занг зада, маро табрик карданд ва ин табрик дар маросими ҷоизасупорӣ дар Ҳиндустон ба ҳама нишон дода шуд, ки ин чун воқеаи фаромӯшнопазири ҳаётам боқӣ хоҳад монд. Дар Ҳиндустон баргузор гардидани ин мусобиқаи бонуфуз дар фаъолияти варзишии ман ҷойгоҳи хоса дорад. Чунки бори аввал дар синни 7-солагӣ маҳз дар диёри Ҳинд чемпиони Осиё шуда будам. Пас аз ин, соли 2022 дар Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот, ки дар Ченнай доир гардида буд, бо дастаамон ғолиб шудем. Фикр мекунам, ки муваффақиятҳои бузурги варзиши кишвари мо ҳанӯз дар пешанд. Бо тамоми қувва ва дониши худ кӯшиш мекунам, то шуҳрати Ватанамон, обрӯю эътибори онро афзун намоям, – гуфт Ҷ. Синдоров зимни пешвозгирӣ.

Дар маросими истиқболи шоҳмотбозони мо, ки ба аҳли ҷаҳон қудрати рӯҳии шоҳмоти ӯзбек ва сатҳи баланди тафаккури ҷавонони мамлакатамонро нишон додаанд, фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи додани унвони фахрии “Ўзбекистон Республикасида хизмат кўрсатган спортчи” ба Ҷавоҳир Синдоров қироат карда шуд.

Дар маросими истиқбол Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Арипов иштирок кард.

**Тӯлқин РӮЗИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**
***Суратгир:***
**А. МАМАДАМИНОВ (ЎзА).**

# АЗ САМАРҚАНД БА УРГУТ – БО ПОЕЗД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Он вақт баъзеҳо ҳатто бо шубҳа мегуфтанд: “Ин кай мешавад, боз чанд сол интизор шавем?”. Аммо дар муддати бисёр кӯтоҳ – 9 моҳ – 55 километр роҳи оҳан кашида шуд ва бори аввал қатора ба Ургут омад. Инчунин биноҳои истгоҳ дар деҳаи Ҷартепа ва маркази ноҳияи Ургут бунёд шуданд, ки имкониятҳои нави мусофиркашонӣ ва боркашонӣ фароҳам овард. Дирӯз Президенти кишвар бо ҳамин қатора ба Ургут омад, бо мо собиқадорон ва фаъолон – дар истгоҳ вохӯрд ва ҳамаи моро бо роҳандозии қатори нав табрик гуфт. Мо низ миннатдорӣ ва таманниёти нек баён кардем. Имрӯз ҳамчун аввалин мусофирон бо қатораи нав ба Самарқанд сафар дорем. Бешубҳа, аз дирӯз дар зиндагии Ургут марҳалаи нав оғоз ёфт, сокинон рӯҳбаланданд. Дар ҷаласаи дирӯза бо иштироки Президент нақшаҳои зиёде оид ба рушди минбаъдаи Ургут баён гардид. Мо, собиқадорон, низ саҳми худро дар иҷрои ин корҳо мегузорем, ҷавононро дастгирӣ карда, ба онҳо илҳом мебахшем.




Бино ба маълумоти мавҷуда, роҳи нави оҳан имкони ҳамасола интиқол додани 359 ҳазор мусофир ва 8,2 миллион тонна борро фароҳам меорад. Дар ин масир ду ҷуфт қатораҳои байнимаҳаллӣ ва нӯҳ ҷуфт қатораҳои боркашонӣ ҳаракат хоҳанд кард. Қобили зикр аст, ки бародарони мо аз Ҷумҳурии ҳамсояи Тоҷикистон низ метавонанд тавассути истгоҳи Ҷартепа ба Ургут ё Самарқанд бирасанд. Ин роҳи оҳан имкониятҳои онҳоро дар истифодаи хидматрасониҳои нақлиётӣ хеле васеъ мекунад. Он ҳамчунин ба рушди сайёҳии дохилӣ ҳиссаи назаррас мегузорад.

Аввалин мусофирони қатораи нав дар истгоҳҳои Ургут ва Самарқанд бо тантана истиқбол гирифта шуданд. Ба онҳо дар бораи корҳои иловагии сохтмонӣ, ки дар ин минтақаҳо анҷом дода мешаванд, маълумот пешниҳод карда шуд.

– Ноҳияи Ургут сернуфустарин ноҳия дар вилояти мост, – мегӯяд раиси шуъбаи шаҳри самарқандии Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат Нигора Саодатова. – Албатта, талаботи аҳолӣ ба хидматрасониҳои нақлиётӣ дар ин ҷо нисбат ба дигар минтақаҳо хеле зиёд аст, бинобар ин роҳандозии ҳаракати қатора байни Самарқанд ва Ургут барои ҳама қулайии бузург фароҳам овард. Илова бар ин, қатора барои меҳмонон, ки аз дигар минтақаҳои кишвар ва хориҷ бо ҳадафи сайёҳӣ ё соҳибкорӣ меоянд, воситаи дастрас ва қулайи сафар ба шумор меравад.

**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
***Суратгир:***
***А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ – МИНТАҚАИ ҚАВӢ, УСТУВОР ВА ШУКУФОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Кушода шудани гузаргоҳҳои нав, зиёд шудани парвозҳои ҳавоӣ, васеъ гардидани хатсайрҳои роҳи оҳан ва автобус, чандин баробар афзудани ҷараёни сайёҳӣ – ҳамаи ин нишон медиҳанд, ки наздикӣ ва рафтуомади мардум то ҷӣ андоза тақвият ёфтааст. Озодии ҳаракат, эътимод ва қаробате, ки пеш мардум орзу менамуданд, имрӯз ба воқеияти зиндагӣ табдил ёфтааст.

Ҳангоми боздид аз минтақаҳо, ҳамчун вакили халқ – мо ин тағйиротро бо чашми худ мебинем, ки осон шудани рафтуомад мардумро ба ҳам наздик кард, барои соҳибкорон бозорҳои нав кушод, тиҷорат ривоҷ ёфт. Инро метавон намуди амалӣ, оддӣ ва дар айни замон зуҳури пурқувваттарини ҳамгироии минтақавӣ номид.

Президенти кишварамон таъкид кард, ки иқтисодиёти Осиёи Марказӣ низ ба марҳалаи нав ворид мешавад. Дар ҳашт соли охир ММД-и минтақа 2,5 баробар афзуд, ҳаҷми сармоягузориҳои мутақобила 5,6 баробар зиёд гардид, дар соҳаҳои кооператсияи саноатӣ, логистика, энергетика, кишоварзӣ ва иқтисодиёти рақамӣ фазои ягона шакл гирифт. Осиёи Марказӣ дигар акнун қаламрави транзитӣ набуда, балки ба гиреҳи нави саноатӣ ва ба узви муҳими фазои иқтисодии Авроосиё табдил меёбад.

Дар сиёсати хориҷӣ низ минтақа ба як зинаи сифатан нав мебарояд. Ба шарофати форматҳои «Марказий Осиё плюс» давлатҳо бори аввал ҳамчун субъекти ягонаи сиёсӣ ба фазои ҷаҳонӣ қадам мегузоранд.

Ин на танҳо овози минтақаро пурқувват месозад, балки шарикии стратегӣ ва ҷозибадории сармоягузориро низ ба таври ҷиддӣ афзоиш медиҳад. Дар шароити ноустувори шадиди геосиёсӣ маҳз ваҳдат ба бузургтарин қувваи минтақа табдил ёфта истодааст.

Президентамон ҳамеша зарурати муносиб ва пурмасъулиятона баррасӣ намудани масъалаи Афғонистонро таъкид мекунанд, зеро Афғонистон идомаи табиии минтақа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, лоиҳаҳои роҳи оҳани Трансафғон, энергетикӣ ва гуманитарӣ, барномаҳои таълимӣ — ҳамаи инҳо маънои офаридани як камарбандӣ суботро дар марзи ҷанубии Осиёи Марказӣ дорад. То замоне ки дар Афғонистон субот таъмин нашавад, коркарди пурраи низоми амнияти минтақавӣ ғайриимкон аст — ин ҳақиқате мебошад, ки онро инкор кардан мумкин нест.

Аз ин рӯ, бо дастовардҳои имрӯза маҳдуд нашуда, масоиле, ки дар пеш истодаанд, бояд амиқ ва низомманд ҳал карда шаванд. Вазифаҳое, ки дар ин мақола асоснок баён гардидаанд, самтҳои стратегианд, ки ояндаи Осиёи Марказиро муайян мекунанд.

Ба андешаи ман, муҳимтарин ҷанбаи ин вазифаҳо он аст, ки онҳо аз талаботи воқеии зиндагӣ бармеоянд ва ба пояи воқеии суботи минтақавӣ табдил ёфтаанд.

Омили демографӣ, ки дар мақола зикр шудааст, низ басо муҳим аст: Осиёи Марказӣ имрӯз зиёда аз 80 миллион аҳолӣ дорад ва ба ҷавонтарин минтақаи ҷаҳон табдил ёфтааст. Синни миёна 29 солро ташкил медиҳад, ин бузургтарин захираи рушди оянда аст. Ба рӯи об баровардани истеъдоди ҷавонон, таҳким бахшидани ҳамгироии таълим ва илм, ин на танҳо масъулияти сиёсати иҷтимоӣ, балки омили стратегии муайянкунандаи рақобатпазирии глобалии минтақа мебошад.

Аз ин рӯ, агар ташаббусҳо дар соҳаи ҳамкории башардӯстиро «дили» ҳамгироии минтақавӣ гӯем, муболиға нахоҳад шуд. Зеро маҳз эътимоди мутақобила, наздикии фарҳангӣ ва ҳамбастагии маънавӣ байни мардум созишномаҳои сиёсиро тақвият медиҳанд. Мориф, илм, лоиҳаҳои эҷодӣ, платформаҳои ҷавонон, мубодилаи академӣ ба ташаккули ҳувияти минтақавӣ хидмат мекунанд.

Барои ман қиматтарин ҷанбаи ин мақола — омодагии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба муайян кардани сарнавишти худ, иродаи қатъӣ барои баромадан ба саҳнаи байналмилалӣ бо мавқеи устувор ва овози мустақил мебошад. Мо ба сӯи минтақае қадам ниҳодем, ки деворҳо не, балки пулҳо месозад. Ин роҳро то охир якҷо тай кардан — масъулияти сиёсӣ, вазифаи таърихӣ ва қарзи мо дар назди наслҳои оянда мебошад.

Имрӯз Осиёи Марказӣ дар нуқтаи аз ҳама муносиб ва умедбахши геосиёсӣ қарор дорад, то ба минтақаи қавӣ, устувор ва шукуфон табдил ёбад. Ваҳдат — бузургтарин захираи мост, масъулият — такягоҳи мустаҳками мо ва ҳамкорӣ — қувваи ҳаракатдиҳандаи ояндаи мост. Муҳимаш он аст, ки Осиёи Марказии Нав дигар орзу нест — воқеияти имрӯз аст. Ва ин ҳақиқат дигар ақиб намегардад.

**Шаҳноза ХОЛМАҲАМАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# БУЗУРГДОШТИ «ШОҲНОМА»

*Дониш андар дил чароғи*
*равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани*
*ту ҷавшан аст.*

Ин байти Одамушшуаро Рӯдакӣ шиори ҳамешагии маҳфилу бозии андешаварзӣ ва зеҳнии «Хирадманд» аст, ки тӯли ҳар се моҳ як маротиба аз ҷониби равшанфикрони кӯҳистони Нурато дар ҳамкорӣ бо Маркази миллию фарҳангии вилояти Ҷиззах баргузор мешавад. Дар сабқати навбатии донишомӯзон, ки чанде пеш дар деҳаи хушманзари Порашти ноҳияи Фориш доир гардид, мо бори дигар мутмаин шудем, ки фарзанди тоҷик дар ҳар гуна шароит ба китобхонӣ алоқаи вофир дорад ва агар барои ӯ имконоти мусоид фароҳам оварда шавад, метавонад ҳар гуна супоришро сарбаландона иҷро кунад ва ба пилаҳои тобони илму дониш бирасад.

Чанд рӯз муқаддам санаи таваллуди шоир ва публитсисти фақид, фарзанди обрӯманди миллат, шоир Ҷонибек Қувноқ буд. Аз ин рӯ, барои гиромидошти ин адиби маҳбуб, ки зодаи деҳаи Порашт аст, ҷамъомади навбатии маҳфили «Хирадманд» дар мавзуи «Шиносоӣ бо «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ» маҳз дар ин русто баргузор гардид. Дар оғоз муаллимаи мактаби таълими ҳамагонии рақами 13-ум Муаттар Абдиева роҷеъ ба ҳаёт ва осори ин шоири зуллисонайн суханронӣ кард ва аз нақши ӯ дар адабиёти муосири тоҷик ва фаъолияти босамари иҷтимоиаш ёдовар шуд. Донишомӯзони синфҳои гуногуни мактаби номбурда аз осори ӯ шеърҳо хонданд, дар зери оҳангҳои миллӣ рақсу бозӣ карданд. Қироати шеъри шоир – «Шамшери кор» аз ҷониби меҳмони маҳфил, донишҷӯйи Донишгоҳи забонҳои хориҷии Тошканд Саъбагул Тӯева хеле муассир буд:

*Ёру диёри худро зӯру*
*мадор ҳастам,*
*Дар боғи зиндагонӣ*
*файзи баҳор ҳастам.*
*Ҳаргиз нишонаи ман аз*
*пастиҳо маҷӯед,*
*Фарзанди тоҷикам ман,*
*лочиншиор ҳастам ...*

Ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов баргузории маҳфил-бозии нави «Хирадманд»-ро ба тамоми ҳозирон табрик гуфт ва аҳамияти онро дар худшиносии миллӣ, таҳкими дӯстӣ ва афзоиши меҳру алоқа ба китоб ёдрас намуд. Ӯ ҳамчунин мухтасар дар бораи шоири шодравон Ҷонибек Қувноқ ҳарф зад ва туҳфаи нодири раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Сайидро, ки иборат аз 100 дона китоби «Девон»-и шоир Паймон буд, ба намояндагони даҳ мактаби кӯҳпоя супорида, суханҳои табрикии раиси Иттифоқи нависандагонро ба самъи ҳозирин расонид.

Бояд таъкид намуд, ки раёсати «Хирадманд» ин бор ба низоми маҳфил дигаргунӣ ворид намуд. Тибқи ин дигаргунӣ мусобиқа дигар дар байни мактабҳои алоҳида не, балки байни ду гурӯҳи донишомӯзони маърифатгоҳҳои тоҷикии ноҳияҳо сурат гирифт. Қобили ситоиш аст, ки омодагии ҳар ду дастаи мунтахаб аз мактабҳои тоҷикии навоҳии Фориш ва Нурато бо номҳои «Нури Фориш» ва «Маърифати Нур» хуб буд. Аз пайгирии оқилонаи пурсишҳо ва баҳсу талошҳои бемайлони онҳо равшан ба назар мерасид, ки мавзӯи навбатии маҳфил – бозии дӯстдоштаи худ–«Хирадманд»-ро нағз аз худ кардаанд. Ҷавоби онҳо аз доираи достонҳои Ҳаким Фирдавсӣ, ки чиҳил дарс – аз «Оғози китоб», гуфторҳои нахустин ва подшоҳии Каюмарс то подшоҳии Кайхусрав фаро мегирифт, аксаран дақиқ ва мукаммал буд. Аз ин рӯ ба омодагӣ ва заковати донишомӯзон тамоми ҷамъомадагон – аҳли адабиётдӯсти деҳаи Порашт, омӯзгорону толибилмон ва ҳайати доварон аҳсант гуфтанд.

Дар бозӣ-маҳфили ҳафтуми «Хирадманд» дастаи «Нури Фориш», ки аз ҳисоби шогирдони хирадварзи мактабҳои миёнаи деҳаҳои Ӯхм, Моҷарм ва Порашт фароҳам омада буд, бо дарёфти 57 хол ва дастаи «Маърифати Нур», ки аъзои он донишомӯзони мактабҳои деҳоти Синтаб, Эҷ ва Сойхурд буданд, бо гирифтани 74 хол (аз 75 холи ҳадди аксар) донишу истеъдоди худро намоиш доданд.

Ҳайати доварон – раиси Бунёди фарҳанги тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» – Тоҷибой Икромов, шоир ва рӯзноманигор Пайғом (Тӯхтамиш Боқиев), омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Шакар Сайфӣ аз посухҳои аъзои ҳар ду даста хуб арзёбӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# БИНОИ НАВИ ПОЛИКЛИНИКА ДАР ГУЛШАНОБОД

*Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Гулшанобод»-и ноҳияи Бухоро бинои нави поликлиникаи оилавии рақами 6 ба фаъолият оғоз кард.*

*Ин бинои замонавии дуошёнаи дорои як қатор қулаиҳо, ки дар як вақт сад касро қабул карда метавонад, ба ивази 2 миллиарду 900 миллион сӯм маблағ қад афрохта, бо 103 миллион сӯм маблағи иловагии буҷавӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст. Ҷараёни сохтмони поликлиникаи нави оилавиро бинокорони маҳаллӣ – ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бунёдкор Иззатулло Сохтмон» дар давоми якчанд моҳ ба анҷом расонданд.*

*Дар маросими ба истифода супоридани муассисаи тиббӣ кормандони ҳокимияти ноҳия, намояндагони ҷамоатҳо, масъулони иттиҳодияи тиббӣ, фаъолони маҳалла, духтурон, сокинони ҳудуд иштирок карда, ғамхориҳои давлатро бобати ҳифзи саломатии аҳолӣ, фароҳам овардани имкониятҳо дар масканҳои дурдасти аҳолинишин ва беш аз пеш афзудани эътибор ба қадри инсонро таъкид намуданд.*



***А. АВЕЗОВ,***
***хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.***

# ГАРМШАВИИ ФАРОГИР: САБАБ ВА ОҚИБАТҲО

Гармшавӣ ё гармои фарогир ё ҷаҳонӣ аз ҷумлаи мушкилоти ҷиддитарини экологии замони мо ба шумор меравад ва ба низоми иқлими сайёраи Замин бисёр таъсири нохуш мерасонад. Олимони соҳа бар он назаранд, ки афзоиши солонаи ҳарорат аксаран ба зиёд гардидани тамаркуз (ҷамъшавӣ)-и гази гармхонаҳо ба ҳаво, аз ҷумла гази ангидриди карбон, метан ва туршии нитроген вобаста мебошад.

Манбаъҳои асосии ин партовҳо сӯхтани сузишвории маъданӣ, буридани ҷангалзор ва шиддати афзоиши хоҷагии қишлоқ мебошанд. Омилҳои мазкур боиси халалдор гардидани эътидоли табиат гардида, ҷараёнҳои тағйирёбии иқлимро метезонанд. Оқибатҳои гармои фарогир дар бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти сайёра, аз ҷумла обшавии пиряххо, баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ, афзудани ҳодисаҳои фавқулодаи обу ҳаво ва гумшавии гуногунрангии биологӣ зоҳир мегарданд.

Ҳамаи ин нафақат ба низоми экологӣ, балки ба эътидоли иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мухталиф таҳдид менамояд. Барои коркарди чораҳои самарбахш бинобар нармсозӣ ва обсозиш бо шароити нави муҳити атроф дарк намудани сабабҳои ҳодисаҳои мазкур хеле муҳим мебошад.

Ин ҷараён бо мунтазам боло рафтани ҳарорати миёнаи ҳаво ва оби уқёнусҳо вобастааст, ки аз сабаби афзудани ғуншавӣ (консентратсия)-и гази гармхонаҳо ба вуқӯъ меояд. Омилҳои табиӣ таърихан низ ба иқлим таъсир мекарданд, вале афзоиши замонавии ҳарорат аксаран бо фаъолияти антропогенӣ-истеҳсолоти саноатӣ, сӯхтори маъданҳои сӯзишворӣ ва буриши ҷангалзор алоқаманд мебошад.

Дарки сабаб ва механизмҳои ин ҳодиса калиди коркарди чораҳои самарабахши обсозиш ва нармсозии таъсири нохуши онҳо ба табиат ва умуман инсоният аст.

Тавре ки коргузорон ва алоқамандони соҳа, аз ҷумла, олимон иброз медоранд, манбаъҳои асосии газҳои мазкур, пеш аз ҳама, ба фаъолияти инсон: сӯхтани сӯзишвориҳои маъданӣ дар истеҳсолоти энергия, нақлиёт ва саноат вобаста аст, ки боиси партовҳои зиёд мегарданд.

Тағйироти иқлим ҳамчунин ба низоми экологӣ ва гуногунрангии биологии сайёра таъсири амиқ дорад. Баландшавии ҳарорати ҷаҳонӣ ба обшавии пиряххо, яъне коҳиш ёфтани пӯшишҳои арктикӣ ва антарктикии пиряххо боис мегардад, ки сабаби афзоиши сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ мешаванд. Ин, дар навбати худ, ба ҳудудҳои наздисарҳадӣ ва давлатҳои ҷазиравӣ таҳдид менамояд, хатари обхезиро ба миён меоварад, заминро харобу иллатнок мекунад. Ғайр аз ин, тағйироти иқлим ба тақсимоти навъҳои ҳайвонот ва хатсайри муҳоҷирати онҳо таъсир гузошта, силсилаи табиӣ ва эътидоли низоми экологиро вайрон менамояд.

Дар натиҷа бисёр ҳайвонот ва рустаниҳо бинобар тағйир ёфтани шароити муҳити зист таҳти таҳдиди нобудшавӣ қарор мегиранд. Хушкшавии ҷангалзор, афзудани миқдори ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ, аз ҷумла сӯхтор, хушксолӣ ва обхезӣ вазъиятро дучандон мушкил мекунанд, ҳосилхезии заминро коҳиш медиҳанд, ҷараёнҳои кишоварзиро халалдор менамоянд.

Тамоми ин омилҳо барои нигоҳ доштани эътидоли экологӣ ва ҳифзи ҳаёт дар сайёраи Замин манзараи хавфнокро ба миён меоваранд.

Гармои фарогир дар ҷаҳон ба саломатии одамон низ таъсири нохуш дорад.

Баландшавии ҳарорати миёна ба афзудани миқдор ва суръати мавҷҳои гарм мусоидат менамояд, ки боиси зиёд гардидани бемориҳои вобаста ба ҳарорати бадан, бахусус дар байни куҳансолон ва гурӯҳҳои ночори аҳолӣ мешавад.

Илова бар ин, тағйироти иқлим ба афзудани касалиҳои сирояткунанда, аз ҷумла вараҷа ва табларза боис мегардад, ки аз тариқи пашшаву магас ва дигар ҳашарот паҳн мешаванд. Ифлосшавии ҳаво ва афзудани тамаркузи вирусҳои аллергияангез ҳолати беморони касалиҳои роҳи нафас, аз ҷумла, зиққи нафасро бадтар мекунад.

Тавре ки донишмандони соҳа собит намудаанд, оқибатҳои иқтисодии гармшавии фарогир низ хеле зиёданд. Аз ҷумла коҳиши ҳосилнокии зироати кишоварзӣ. Ин коҳиш, ки бинобар шароити фавқулодаи обу ҳаво сар задааст, ба афзоиши нархи маҳсулоти хурокворӣ ва барои истифода номувофиқи озуқаворӣ сабаб мегардад. Зарари инфрасохтор бинобар обхезӣ, тӯфонҳо ва дигар мусибату фалокатҳои табиӣ барои барқароркунӣ хароҷоти бузургро тақозо доранд, онҳо ҳосилнокии меҳнатро низ коҳиш медиҳанд. Умуман, гармои фарогир ба саломатӣ ва иқтисодиёт, рушди устувори ҷомеъ хуруҷҳои ҷиддиро фароҳам меоваранд ва чорабиниҳои маҷмӯии обсозишиву коҳиш додани оқибатҳои онро тақозо менамоянд. Барои мубориза бо гармшавии фарогир муносибати маҷмӯие, ки коҳиш додани миқдори партови гази гармхонаҳо ва чораҳои обсозиширо дарбар мегиранд, заруранд. Пеш аз ҳама истифодаи манбаъҳои нави энергия, аз ҷумла энергияи офтобӣ, бодӣ ва обӣ муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки вобастагӣ аз сӯзишвории маъдани коҳиш ёбад.

Сарфаи энергия ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи энергия дар саноат, нақлиёт ва соҳаи манзил низ нақши бузург доранд. Ғайр аз ин, чорабиниҳо бобати ҳифз кардан ва барқарор намудани ҷангалзор, ки барҳамдиҳандагони табиии гази ангидриди карбон ба шумор меравад, муҳим мебошад. Бобати обсозиш аҳолӣ ва инфрасохтор бояд ба шароити нави иқлимӣ мувофиқу мутобиқ ва омода карда шаванд. Ин коркарди технологияҳои пуриқтидори кишоварзӣ, сохтмони иншооти ба ҳодисаҳои фавқулоддаи табиӣ тобовар, беҳтар намудани низоми таъминоти об ва нигаҳдории тандурустиро дар бар мегирад. Барномаҳои давлатӣ ва байнахалқӣ бояд тадқиқоти илмӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳоро рағбатнок кунанд, ҳамчунин барои пешгирии самарбахши таҳдидҳои мазкури тағйироти иқлим ба ҳамкории ҷаҳонӣ мусоидат намоянд.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

***Дар шаҳрҳои Теҳрон ва Шерози Ҷумҳурии Исломии Эрон бо ташаббуси Созмони равобити фарҳангӣ ва исломии Эрон ва Хазинаи эроншиносӣ, таҳти унвони «Эроншиносӣ: таҳқиқоти муосири Эрон, дипломатияи фарҳангӣ ва ҳамкории байналмилалӣ» нахустин конфронси байналмилалии эроншиносӣ баргузор гардид.***

# ИШТИРОКИ ОЛИМОН ДАР ҲАМОИШИ ИЛМИИ ЭРОН

Дар ин чорабинии илмии байналмилалӣ 50 нафар олимону муҳаққиқон аз 22 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Испания, Италия, Сербия, Чин, Туркия, Малайзия, Ҳиндустон, Қатар, Русия, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, ҳамчунин олимони шарқшиноси мамлакатамон иштирок карданд.

Дар доираи чорабинӣ, ки дар бахшҳои «Эроншиносӣ: арзёбии интиқодӣ, мушкилот ва равишҳо», «Эроншиносӣ ва таҳқиқот дар бораи Эрони имрӯза», «Эроншиносӣ: дипломатияи фарҳангӣ ва ҳамкории байналмилалӣ», «Эроншиносӣ ва технологияҳои нав», «Эроншиносӣ ва сайёҳӣ», инчунин «Эроншиносӣ: Ҳофиз — намояндаи ҷаҳони Эрон» баргузор гардид, масъалаҳои инкишофи сайёҳӣ, рушди забони форсӣ, аҳамияти роҳандозии технологияҳои муосир дар бахшҳои гуногун мероси маънавӣ ва тамаддуни Эрон, барқарор кардани робитаҳои устувор миёни эроншиносони кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва амсоли ин баррасӣ гардиданд.

Дар маросими ифтитоҳи конфронс директори Институти таърихи Академияи илмҳои Ӯзбекистон, сенатор Азамат Зиё роҷеъ ба аҳамияти манбаъҳои форсӣ дар омӯзиши таърихи халқу давлатдории ӯзбек, нақши тамаддуни Эрон дар таърихи башарият ва рушди ҳамкориҳои илмии олимони ӯзбеку эронӣ ҳарф зад ва дар рӯзи аввали конфронс дар мавзӯи «Аҳамияти манбаъҳои хаттии форсӣ дар омӯзиши таърихи халқу давлатдории ӯзбек» маърӯза намуд.

Инчунин, доктори илми таърих, дотсенти Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд Комилҷон Раҳимов низ дар конфронс дар мавзӯи «Мактаби хаттотии Мовароуннаҳр ва бархе аз намояндагони он» баромад карда, дар бораи таърихи хаттотии кишварамон ва эҷодиёти намояндагони машҳури он маълумот дод. Инчунин, аз ҳамкасбони эронӣ даъват намуд, то дар таҳқиқи таърихи Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои илмиро тақвият дода, дар истифодаи манбаъҳои зиёд оид ба таърихи мамлакатамон, ки дар Эрон нигоҳдорӣ мешаванд, ёрмандӣ намоянд.

Қарор аст, ки матни 100 маърӯзаи илмии конфронс дар шакли китоби алоҳида нашр шавад.

Дар анҷом иштирокдорони конфронс аз ёдгориҳои таърихӣ ва ҷойҳои сазовори диққати Эрон, чун харобаҳои Тахти Ҷамшед, мақбараҳои намояндагони барҷастаи адабиёти форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, Кохи Гулистон, Осорхонаи санъати муосири Теҳрон боздид ба амал оварда, бо фаъолияти Институти санъати китобати Эрон шинос шуданд.

Бояд гуфт, ки иштироки фаъоли олимони мамлакатамон дар ин ҳамоиши бонуфузи илмии Эрон на танҳо барои бо таърихи кишвари мо аз наздик ошно шудани мутахассисони хориҷӣ имкон медиҳад, балки барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт низ мусоидат менамояд.

**Мухбири худамон.**




*Дар ғурфаҳои «Намоишгоҳи Осиёи Марказӣ» дар пойтахт Ярмаркаи байналхалқии анъанавии сайёҳии Тошканд «Сайёҳи дар роҳи абрешим» баргузор гардид, ки дар он аз даҳҳо мамлакатҳо вакилони соҳа имконот ва зарфияти ҷаҳонгардии худро намоиш доданд. Минтақаҳои ҷумҳуриамон ҳама дар алоҳидагӣ тамоми анъанаҳои меҳмондорӣ ва пухтупази худро ба ҳукми бинандагон ҳавола намуданд.*

***Аксбардор: Р. ГАЛЕЕВ.***

*Фиристода бояд, ки доно бувад...*

# ДАВОМИ НЕК РОҲАТРО...

Ман бо Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри гузашта тавассути асараш «Маърифати замон» доир ба адабиёти муосири тоҷик ва аз тариқи баромадҳояш дар анҷуманҳои илмии воқеъ дар шаҳрҳои Душанбею Самарқанд шинос будам.

Баъдан бо ин марди кушодачеҳра ва хушгуфтор борҳо дар мулоқоту маҷлисҳо ҳамсуҳбат шудаам. Суҳбати мо, ба хусус дар рӯзҳои Ҳамоиши адибони кишварҳои Ҳавзаи Наврӯз, ки моҳи марти соли 2016 ба шарафи 25-солагии Истиқлоли Тоҷикистон тарҷума кардам ва он бо таҳрири журналист Тоҷибой Икромов дар нашриёти «Академнашр»-и Тошканд ба дасти чоп расид. Азбаски китоб хотираҳои як нафар собиқ сафири мухтор буд, ман нусхаи нахустини онро бо нияти нек ба Абдуҷаббор Раҳмонзода тақдим кардам.

Мувофиқи эътирофи худи Абдуҷаббор Раҳмонзода вай китобро дар як шаб хонда баромадааст. Сипас ӯ бо иштироки китобхонон дар сафорати Тоҷикистон дар Тошканд тақдимоти ин китобро ташкил кард, ки ин изҳори аксар вилоятҳои Ӯзбекистон маскун мебошанд, аз наздик шинос гардид. Дар рушди фарҳангу маорифи ин минтақаҳои тоҷикнишин саҳми арзанда гузошт.

Ҷашнвораҳои солгарди Айнӣ дар осорхонаи устод воқеъ дар Самарқанд тайи ин солҳо, албатта бо иштироки сафири муҳтарам, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода ва намояндагон аз марказҳои миллию мадании тоҷикони дигар вилоятҳои Ӯзбекистон, меҳмонон аз Тоҷикистон хеле пуршукӯҳ мегузаштанд.

Ӯ дар ҷашни 90-солагии бадеӣ ва илмӣ армуғон кардааст.

Хидмати шоистаи Абдуҷаббор Раҳмонзода дар бунёди Маркази фарҳангу маърифати тоҷик дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ дар назди Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ бағоят бузург аст.

Ман шоҳиди он будам, ки Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳамроҳи ходимони сафорат ва мусаввирони самарқандӣ дар ороиши ду хонаи махсуси ин марказ моҳҳо заҳмат кашид.

Бо ташаббуси Абдуҷаббор эҷодиёти адибони муосири тоҷики Ӯзбекистон нашр шуданд.

Бо сайъу эҳтимоми Раҳмонзода ва дастгирии собиқ Президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ соли 2023 китоби банда «Донишнома-тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони асри XX – ибтидои асри XXI» дар нашриёти «Дониш» чоп гардид. Асари инҷониб «Ду шохи як дарахт», ки ба дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек бахшида шудааст, бо пешгуфтори академик Абдуҷаббор



дар Душанбе ба вуқӯъ пайваст, хеле хотирмон буд.

Абдуҷаббор Раҳмонзода баъди кор дар чандин вазифаҳои масъулиятнок, аз ҷумла раиси Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, вазири маориф, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва чанд муддат Ёрдамчии Президенти Тоҷикистон ҳам буд.

Вай моро, ки аз Ӯзбекистон дар ҳайати шоир Асад Гулзода аз Бухоро, ходимони илмӣ аз Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Ӯзбекистон Шониёз Мӯсоев, Файз Маҳмуд аз Тошканд ва банда рафта будем, дар меҳмонсарои «Авасто» қабул карда, хотирнишон намуд, ки фардо камина бояд дар Кохи Борбад баромад кунам.

Рӯзи дигар, вақте издиҳоми меҳмонону мизбонон вориди Кохи Борбад шуданд, гуфтанд, ки ҷойи банда дар раёсат аст. Ҳамин тавр ба камина дар он маҷлиси пуршукӯҳ дар раёсат нишастан ва бо паёми наврӯзӣ баромад кардан насиб гардид...

Дере нагузашта, яъне моҳи сентябри ҳамон сол ин бор ба Ҷашни 25-солагии Истиқлоли Тоҷикистон иштирок кардам ва ин дафъа низ Абдуҷаббор Раҳмонзода дар хидмати меҳмонон буду бо вай мулоқот доштем.

Ман дар анҷумани илмӣ бахшида ба ҷашни садучиҳилсолагии устод Садриддин Айнӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳам бо ӯ ҳамсуҳбат будам.

Соли 2020 дар сафари хориҷӣ будам, аз тариқи дӯстон фаҳмидам, ки Абдуҷаббор Раҳмонзода Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон таъин шудааст. Зуд ба унвонаш номаи табрикӣ фиристодам.

Бояд хотиррасон намоям, ки баъди аз сафар омадан бо сайъу эҳтимоми журналисти маъруф Раҳимҷон Султонов китоби собиқ арбоби давлатӣ Рафиқ Нишонов «Дарахтон то бӯрон сарсабзанд»-ро, ки дар Маскав бо забони русӣ нашр шуда буд, ба забони тоҷикӣ самимияти ӯ нисбат ба ин китоб ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ буд.

Ин ҷо бояд гуфт, ки Рафиқ Нишонов дар соҳаҳои гуногун роҳбарӣ карда, бо амри роҳбарони вақт беш аз 15 сол дар давлатҳои хориҷа – Шри-Ланка (Сейлон) ва Ӯрдун Сафири Фавқулода ва Мухтори Иттиҳоди Шӯравӣ будааст ва дар ривоҷи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании ин кишварҳо бо Иттиҳоди Шӯравӣ саҳм гузоштааст.

Пас фаъолияти Абдуҷаббор Раҳмонзода низ ҳамчун сафир на фақат дар муносибатҳои байналмилалӣ ва равобити халқҳои тоҷику ӯзбек, балки дар рушди фарҳангу адабиёти тоҷикони Ӯзбекистон низ бағоят арзишманд аст.

Мавсуф дар тӯли фаъолияти беш аз чаҳорсолаи худ ҳамчун Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон на танҳо бо вазорату идораҳои давлатӣ ва марказҳои миллию фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон дар робита буд, балки бо ҳаёти ҳамарӯзаи тоҷикони маҳалҳои гуногуни Ватани мо, ки дар шоир Асад Гулзода дар Бухоро, дар ҷашнҳои ёдбуди номзадҳои илми филология, собиқ дотсентони Донишгоҳи давлатии Самарқанд, шодравон Ғафур Маҳмудов ва Абдусалом Самадов дар Самарқанд, дар ҷашни ёдбуди 70-солагии шоири тоҷик Абдулло Раҳмон дар ноҳияи Сариосиёи Сурхондарё, дар ҷашнвораҳои чор тан эҷодкорон аз як маҳал – Бекназар Тӯйназар, Паймон, Абдулло Субҳон ва Юнуси Имомназар дар ноҳияи Нурато иштирок ва баромад кард. Камина дар ҳамаи ин ҷашнвораҳо иштирок доштам ва аз суханрониҳои пурмазмуну пурмуҳтавои ӯ дар ҳаққи ин суханварони тоҷики Ӯзбекистон як ҷаҳон баҳра бардоштаам.

Абдуҷаббор Раҳмонзода инчунин дар Донишгоҳи давлатии Фарғона, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ ва дигар марказҳои илму маърифат, дар як қатор мактабҳои мавзеъҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон рафта, бо аҳли маърифат ва омӯзгорону донишомӯзон дар мулоқот буд, ба мактабҳо бисёр китобҳои Раҳмонзода ва дастгирии Ҳукумати Ӯзбекистон маросими кушоиши маркази мазкур ба як иди фарҳангӣ табдил ёфт. Дар он на танҳо аҳли илму адаб ва фарҳанги Ӯзбекистон, балки адибону олимони зиёде аз Душанбе ва Хуҷанд низ иштирок карда, ба Абдуҷаббор Раҳмонзода барои бунёди чунин як маркази фарҳангӣ аҳсант гуфтанд.

Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳамчун донишманди илми адабиётшиносӣ ва дипломати сиёсатмадор дар ин муддат «Дипломатия, фарҳанг ва сиёсат» (нашриёти «Шарқи озод», Душанбе, 2023), «Пайғоми дӯстӣ. Дӯстлик пайғоми», (нашриёти «Ilm-Ziyo-Zakovat», Тошкент, 2023) «Ҳаёт, адабиёт, воқеият» (Душанбе, 2024) ном китобҳои худро низ аз нашр баровард. Дар ин асарҳо ҳам ба робитаҳои адабӣ ва фарҳангии адибони тоҷику ӯзбек эътибори зиёд дода шудааст. Дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар», маҷаллаи адабию бадеӣ ва илмию фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» низ мақолаҳои пурмуҳтавои ӯ доир ба ҳаёт ва Раҳмонзода дар «Фирдавс нашриёти»-и Тошканд бо теъдоди зиёд аз нашр баромад.

Сафир рӯйнамоии ин китобро дар сафорат ташкил намуда, доир ба ин китоб тақризе низ навишт, ки он дар «Ховар» нашр шудааст.

Таҳти роҳбарии академики муҳтарам муаллими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ Ҳикмат Султонзода оид ба ҳаёт ва эҷодиёти адибони зуллисонайни як давраи муайяни таърихии Осиёи Миёна рисолаи илмӣ навишт, ки дар арафаи ҳимоя қарор дорад.

Бо кӯшиши Абдуҷаббор Раҳмонзода чанд тан аз аҳли фарҳанг ва маорифи тоҷикони Ӯзбекистон бо унвонҳои «Аълочии маориф» ва «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», ифтихорнома ва ташаккурномаҳо мукофотонида шуданд, чандин нафар ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон қабул гардиданд.

Хулоса, агар тамоми тадбиру чорабиниҳои баргузоркарда ва хидматҳои шоистаи Абдуҷаббор Раҳмонзодаро, ки дар давраи беш аз чаҳор соли маъмурияти худ ҳамчун Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ба сомон расонидааст, зикр кунем, худ китобе хоҳад шуд.

Ҳоло банда бо дуои шоир, ки гуфтааст:

Давоми нек роҳатро, иктифо карда, ба эшон дар кору фаъолияти баъдина комёбиҳои беш аз беш таманно мекунам.

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА, профессор, Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон, узви иттиҳодҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон.**

***Дар сурат: Абдуҷаббор Раҳмонзода** (дар рост) дар меҳмонии «Овози тоҷик».*

# ОМӮЗГОРЕ, КИ БО ФИДОКОРӢ «ШУҲРАТ» ЁФТ

*«Мутафаккир ва донишмандони барҷастаеро, ки дар таърихи мамлакатамон ду маротиба дар замони худ Ренессанси бузургро ба вуҷуд овардаанд, омӯзгор ва муаллимоне чун шумо тарбия намуда, ба камол расондаанд. Бовар дорам, ки Шумо, азизон, ҳамчун идомагари ин анъанаҳои нек дар тарбияи бунёдкорони давраи Эҳёи сеюм, ки имрӯз дар Ватани маҳбубамон сохта мешавад, саҳми арзанда мегузоред.»*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**



Улуғбек Мирзаҳмадов яке аз омӯзгорони ботаҷриба ва фидокори ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд аст. Ӯ баъди хатми мактаби зодгоҳ, соли 2011 ба факултаи санъати вокали Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси хонандаи эстрада соли 2014 хатм намудааст. Ҳамзамон, дар мактаби мусиқа ва санъати бачагонаи рақами 17-уми ноҳия ва ташкилоти таълими томактабии рақами 4 бо фаъолияти омӯзгорӣ машғул шудааст. Сипас, соле дар мактаби ҳамагонии рақами 4-уми Бӯстонлиқ ба ҳайси омӯзгори фанни мусиқӣ кор карда, солҳои 2016-2017 ҳамчун сарметодисти шуъбаи Маркази таълими ҷумҳурии Вазорати таълими халқ фаъолият намудааст. Баъдан, дар вазифаҳои омӯзгори литсейи академии ҷавонони болаёқати назди Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон, услубшиноси шуъбаи таълими томактабии ноҳияи Бӯстонлиқ, устоди мусиқии ташкилоти таълими томактабии рақами 12-уми ноҳия таҳтидилона кор кардааст. Ӯ ҳоло ҳамчун омӯзгори тоифаи олии фанни маданияти мусиқии мактаби таълими умумии рақами 2-юм ба шогирдон асрори фанни мусиқиро меомӯзад.

Улуғбек дар раванди фаъолияти босамар, тӯли солҳои 2023-2025 дар бахши магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомиро низ аз рӯйи ихтисоси таълими мусиқӣ ва санъат хатм намудааст.

Бо як сухан, омӯзгори навовару меҳнатдӯст аст. Дар ҷараёни кор пайваста барои беҳтар намудани сифати таълим, тарбияи насли наврасии баркамол талош мекунад. Ҳамчун муаллими пешқадам дар машғулотҳо аз технологияҳои замонавӣ фаровон истифода мебарад. Ғайр аз ин, дар мактаб фаъолияти маҳфили «Овозхонони ҷавон»-ро ба роҳ мондааст, ки дар он чанде аз шогирдони санъатдӯст асрори соҳаи мусиқиро амиқтар меомӯзанд. Муаллим дар раванди кори маҳфил танҳо бо машғулотҳои назарӣ қонеъ нашуда, бо мақсади баланд бардоштани шавқи аъзоёни ин маҳфил онҳоро ба тамошои осорхонаҳо, хона-музейҳои М. Ашрафӣ, Ю. Раҷабӣ, Тамарахонум мебарад. Бояд гуфт, ки иштирокдорони маҳфил дар чорабиниҳои фарҳангиву идонаи мактаб ва берун аз он низ фаъол иштирок мекунанд, барои ҷолибу пурмуҳтаво гузаштани онҳо саҳм мегузоранд.

Ин омӯзгори ҷӯёву навовар пайваста барои такмили дониш ва маҳорати педагогии хеш ҳаракат менамояд. Дар ҷамъомадҳои иттиҳодияҳои методӣ фаъол иштирок менамояд, навовариҳо, технологияҳои нави педагогӣ ва усулҳои интерактивиро дар ҷабҳаи таълим пайваста таблиғ мекунад. Ин аст, ки таҷрибаи педагогии ӯ дар сатҳи ҷумҳурӣ оммавӣ карда шудааст.

Мирзаҳмадов ҳаммуаллифи китоби дарсии «Мусиқӣ» барои синфи 5-уми мактабҳои таълими умумӣ ва муаллифи дастури методӣ барои муаллимон дар асоси китоби дарсии «Мусиқӣ» барои синфҳои 3-4-5-ум мебошад.

Ғайр аз ин, тӯли фаъолияти чандинсола 11 дастури таълимӣ ва методӣ, зиёда аз 50 нақшаи дарси электронӣ, 15 дарси медиавӣ, 5 лоиҳаи муҳими мусиқӣ таҳия кардааст, ки «Биёед, якҷоя месароем», «Рақсему хурсандӣ кунем», «Методикаи ташкили дарсҳои мусиқӣ дар муассисаҳои таълими томактабӣ», «Методикаи таълими сурудхонии эстрада», «Тарбияи эстетикии мусиқӣ» ва ғайра аз ин ҷумлаанд. Мақолаҳои илмии ӯ оид ба рушди соҳаи мусиқӣ ва тартибу тамоюли таълими он дар мактабҳо дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд.

У. Мирзаҳмадов соли 2021 дар муҳокимаи «Барномаҳои таҳсилоти муттасил» ҳамчун коршиноси фанни мусиқӣ иштирок кардааст. Соли 2022 ба муносибати таъсиси Донишгоҳи байналмилалии Нордик ӯ ба шеъри шоира Кавсар Турдиева оҳанг баста, суруди миллии донишгоҳро офаридааст. Соли 2023 узви Иттифоқи оҳангсозон ва танзимгарони Ӯзбекистон шудааст.

Мирзаҳмадов дар бисёр ҷамъомаду семинарҳои илмӣ низ бо маърӯзаҳои илмӣ ва маводи услубии худ иштирок кардааст.

Маҳз бо назардошти хидмати фидокорона дар соҳаи таълим, маҳорати баланди касбӣ, истеъдод ва эҷодкорӣ, хислатҳои ватандӯстӣ, эҳтиром дар байни мардум, фаъолӣ ва ташаббускорӣ, намунаи хоса дар тарбияи насли солим ва саҳми шоиста дар рушди соҳаи таълим соли 2023 сазовори дипломи фахрии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ гардидааст.

Инчунин, соҳиби нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», ҷоизадори озмуни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва нишони хотиравии «Барои хизматҳо дар соҳаи илм», ғолиби озмунҳои «Беҳтарин омӯзгори фаннии сол», «Муаллими сол - 2021», «Фаъолтарин таблиғгари маърифат» мебошад.

Соли 2025 барои У.Мирзоаҳмадов соли фаромӯшнопазир гардид. Дар асоси Фармони Президент дар арафаи Рӯзи муаллим ва мураббиён бо медали «Шуҳрат» мукофотонида шуд.

Бо як сухан, У. Мирзаҳмадов бо фаъолияти пурсамар, навовариҳои педагогӣ ва саҳми арзанда дар рушди таълими мусиқӣ дар Ӯзбекистон ба ҳайси омӯзгори намунавӣ ва навовар шинохта шудааст. Ӯ на танҳо дарсҳои худро бо мазмуну шакли замонавӣ бой мегардонад, балки бо ташкили маҳфилҳо, тарбияи шогирдони соҳибистеъдод, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ рушди соҳаи мусиқиро густариш додааст ва маҳз ба туфайли меҳнатдӯстӣ миёни ҷомеа, ҳамкорон ва аҳли фарҳангу маориф соҳиби эҳтиром гардидааст. Мукофот ва ифтихорномаҳои давлатӣ, аз ҷумла медали «Шуҳрат», шаҳодати возеҳи онанд, ки Мирзаҳмадов ба рушди таълим ва тарбияи насли созанда саҳми шоиста гузошта, дар пешбурди фарҳанги мусиқии кишвар нақши намоён дорад.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Чи хеле ки пештар хабар дода будем, аз 5 сентябр то 20 ноябри соли равон дар Бухоро аввалин биенналеи байналхалқии санъат ва маданият баргузор гардид.***

# ДАР БУХОРО БИЕННАЛЕИ НАХУСТИН АНҶОМ ЁФТ

Маълум аст, ки Бухоро чун маркази сайёҳӣ мақоми махсус дорад. Ташрифи сайёҳони хориҷӣ ва маҳаллӣ дар ин ҷо сол аз сол меафзояд. Ин пеш аз ҳама ба имкониятҳое, ки солҳои охир дар соҳа фароҳам оварда мешавад, вобастагии қавӣ дорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ташрифи сайёҳон ба Бухоро дар соли ҷорӣ ба дараҷаи мисллаш диданашуда расид. Агар миқдори сайёҳони хориҷӣ 2 250 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, шумораи сайёҳони маҳаллӣ аз 4 миллион нафар афзуд. Дар шаҳри бостонӣ ба амал омадани биеннале бошад, ба рушдёбии ин ҷараён такон бахшид ва Бухороро ба маркази дӯстдоштаи ихлосмандони ҳунари зебо ва фарҳанг табдил дод.

Дар давоми чорабинӣ шаҳри шариф наздик ба 1600 ҳазор нафар меҳмононро қабул кард. Аз ҷумла, 770 ҳазор нафари онҳо меҳмонони хориҷӣ мебошанд. Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки биенналеи Бухоро дар сатҳи байналмилалӣ нуфузи зиёд пайдо кардааст. Ин тадбир на фақат аҳамияти маданӣ зоҳир намуд, балки боиси манфиати иқтисодӣ низ гардид. Дар ҷараёни биеннале содироти хидматҳои сайёҳӣ ба сайёҳони хориҷӣ ба 210 млн. доллари ИМА расид.

Ҳамин тариқ, аввалин биеннале дар ҳаёти мадании шаҳри куҳан нақши таърихӣ гузошт.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# БУЗУРГДОШТИ «ШОҲНОМА»

**(Аввалаш дар саҳ.3).**

Ин дафъа ду номинаи дигари маҳфил – «Шеърхони беҳтарин» ва «Суханрони беҳтарин» ба таври электронӣ (навгонӣ дар Оинномаи маҳфил), бо дарёфти наворҳои хониши ифоданок ва ирсоли онҳо ба доварони холис арзёбӣ гардид. Шеърҳо ва пораҳои насрии қироатшуда аз сӯйи донишомӯзон тавассути шабакаи телеграмии фазои маҷозӣ ба се нафар – узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, омӯзгори собиқадори забон ва адабиёт Сухроб Ваҳобниё, нависанда Шариф Халил ва шоири ҷавон Далершоҳ Неъматзода фиристода шуда буд. Онҳо баромади ҳар як хонандаро дидаву шунида баҳои худро эълон карданд. Аз рӯйи холгузории доварони мазкур беҳтарин шеърхон шогирди мактаби 38-ум (деҳаи Синтаб) Дилрабо Саломатуллоева ва беҳтарин насрхон шогирди мактаби 43-юм (рустои Эҷ) Шарофат Ҳакимова дониста шуданд. Ба онҳо ва ҳамчунин ба донишомӯзоне, ки ҷойҳои дуюму сеюмро ишғол карданд, туҳфаҳои хотиравӣ ва ҷоизаҳои пулӣ тақдим гардиданд.

Хурсандибахш аст, ки нишастҳои маҳфили «Хирадманд»-ро шуъбаҳои таълими халқи ноҳияҳои Нурато ва Фориш, ҳамчунин бахшҳои ноҳиявии маркази «Маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ мунтазам дастгирӣ мекунанд. Ин бор низ раиси шуъбаи нуратоии маркази «Маънавият ва маърифат» Воҳидҷон Қобилов ва масъулони бахши «Маънавият ва маърифат»-и таълими халқи ноҳияи Фориш дар маҳфил ҳузур доштанд. Эшон ҳам дастовезҳои хешро, ки иборат аз китобҳои бадеӣ ва сипосномаҳо буд, бо камоли майл ба ғолибон ва ширкаткунандагони маҳфил супурданд. Ҳамчунин чанд дона маҷаллаи «Дурдонаи шарқ» аз номи шоир ва ношир Асадуллоҳ Исмоилзода ба донишомӯзони фаъол супорида шуд, ки заҳмати ин кори хайрро рӯзноманигор Анорбой Шодипур дар ӯҳда дошт.

Тавре ки яке аз муассисони маҳфил-бозии «Хирадманд», раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарипов изҳор намуд, дар баргузории ҷамъомад ва пазироӣ аз меҳмонон нақши аҳли ҷамоаи мактаби 13-ум таҳти роҳбарии Сарибой Ярашев назаррас буд. Ба вижа, омӯзгорон Дилбармоҳ Қурбонова, Мусаввара Султонова, Садбарг Аллаева, Матлуба Азизова ва китобдори мактаб Малик Назаров кӯшиш намудаанд, ки ҳам барои сабқаткунандагон ва ҳам барои меҳмонон шароиту имконоти мусоид фароҳам оварда шавад. Воқеан, он рӯз аз сӯйи онҳо як пазироии тоҷикона низ сурат гирифт, таоруфи нону намак, шукуфоии чеҳраҳои хандон, дилгармӣ ва меҳрубониҳои фаровон аз ҳусни муҳаббати мизбонони дилсоф дарак медод.

Тибқи одат, созмондиҳандаи ин нишасти адабию фарҳангӣ, нависандаи чирадаст Юнуси Имомназар ва ровии ҷамъомад омӯзгори ботаҷриба ва овозхони шинохтаи кӯҳпоя Дилмуроди Қӯзӣ буданд.



Дар хулоса, месазад зикр намуд, ки шоҳномахонӣ метавонад шарораҳое аз фаҳму алоқа ба забон ва фарҳанги форсиро дар дилҳо эҷод кунад. Донистани мазмуну мундариҷаи достонҳои «Шоҳнома» ва бо ифода хондани пораҳои шеърӣ аз он бояд намунаи таълим дар ҳар як мактаби тоҷикӣ бошад. Умед аст, ки чунин озмунҳои китобхонӣ идома пайдо мекунад ва фарзандони миллат барои беҳтару хубтар омӯхтани забону адабиёт ва дарки худшиносии миллӣ саъю талош хоҳанд кард.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.